# ИХТИСОСРО ЧӢ ГУНА БОЯД ИНТИХОБ КАРД?

Ихтисос навъи мушаххаси фаъолият дар доираи ин ё он касб аст. Шахс метавонад дар доираи як касб чанд ихтисосро интихоб намояд. Масалан, касби муҳандисӣ тахассусҳои **муҳандис-бинокор, муҳандис-лоиҳакаш, муҳандис-энергетик, муҳандис-механик, муҳандис-технолог, муҳандис-барномасоз, муҳандис-алоқачӣ, муҳандис-геолог, муҳандис-эколог** ва ғайраро дар бар мегирад.

Ихтисосро дуруст бояд интихоб намуд, зеро интихоби ихтисос муҳим, ҳатто тақдирсоз аст. Бинобар ин, ҳангоми интихоби ихтисос бисёр омилҳоро бояд ба эътибор гирифт. Пеш аз ҳама, бояд хуб фикр кард, ки аз ин касб чӣ мехоҳед ва аз он чиро интизоред, дар кадом соҳа фаъолият кардан ба Шумо бештар маъқул аст ва чӣ гуна тарзи ҳаётро ихтиёр мекунед. Оё ин ихтисос ба Шумо қаноатмандӣ мебахшад? Воситаи таъмини рӯзгоратон мегардад ё не?

Ҳар як довталаб бояд талаботи бозори меҳнат ба ихтисосҳоро ақаллан барои 5-6 соли оянда ба назар гирад, зеро дар ҳоли эҳтиёҷи зиёд надоштани ҷомеа ба он касбу ихтисос ё нисбат ба талабот зиёд будани шумораи мутахассисони он соҳа, манфиаташ ба Шумо кам мерасад. Барои мисол, бо вуҷуди нуфузу эътибори баланд доштани ихтисосҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқшиносӣ имрӯз дар бозори меҳнат барзиёд будани мутахассисони ин соҳа ҳис карда мешавад. Маълумотро дар ин бора аз рӯйи пешбинии ҷомеашиносон ба воситаи интернет ва дигар воситаҳои ахбори омма гирифта метавонед.

Албатта, интихоби касб ва ихтисос кори шахсии ҳар кас аст. Ҳангоми интихоби ихтисос ба таҷриба ва маслиҳату пешниҳоди падару модар, хешу табор ва мутахассисони соҳа низ диққат додану ба эътибор гирифтани онҳо хеле муҳим аст.

Ҳамчунин, дар раванди интихоб бештар хусусиятҳои физиологию психологии худ – саломатӣ, дониш, лаёқату истеъдодро ба назар гирифтан зарур аст. Ҳар касбу ихтисос талаботи ба худ хос дорад, ки аз шахс қобилият, хислат, дониш ва маҳорати муайянро талаб мекунад. Масалан, нафари овозаш нохуш ё гулӯяш нуқсдор (бемор) овозхони хуб шуда наметавонад.

**!** **Ҳеҷ гоҳ касбу ихтисосро маҷбуран интихоб накунед. Фаромӯш насозед, ки бо ин касбу ихтисос Шумо тамоми умр кору зиндагӣ менамоед!**

Ҳар кас бояд ихтисосеро интихоб намояд, ки ба қобилияту истеъдодаш ҳаматарафа мувофиқ бошад. Барои расидан ба ин мақсад довталаб бояд, пеш аз ҳама, олами маънавии худ – тафаккур, шавқу ҳавас, майлу рағбат, меҳру садоқат, қобилияту истеъдод, арзишҳои шахсӣ ва омилҳоеро, ки инсонро ҳамчун шахсият муаррифӣ мекунад, омӯзад, баҳо диҳад ва ба назар гирад. Сипас бо олами ихтисосҳо шинос шуда, хусусиятҳои онҳоро фаҳмида, бо имкону тавони худ муқоиса намояд. Танҳо дар ин сурат интихоб дурусту дақиқ ва бошуурона буда метавонад.

Инро ҳам донистан лозим аст, ки мутахассисонро аз рӯйи ихтисоси интихобкарда кадом муассисаҳои таълимӣ омода мекунанд (барои маълумот ба ҷадвали 1, ҳамчун намуна, нигаред). Хуб мебуд, агар бо истифодаи ҷадвали ихтисосҳо ақаллан то оғози давраи бақайдгирӣ интихобҳои худро муайян намоед.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ, ки ба низоми ИМД шомиланд, аз рӯйи беш аз 500 ихтисос мутахассисон омода карда мешаванд (рӯйхати пурраи ихтисосҳо дар замимаи 1, саҳифаи 61 ва замимаи 2, саҳифаи 106 оварда шудааст). Марказ дар мувофиқа бо муассисаҳои мавҷуда, ки аз рӯйи ин ихтисосҳо мутахассис тайёр мекунанд, вобаста ба монанд ва наздик будани фанҳои имтиҳон ихтисосҳоро дар панҷ гурӯҳи ихтисосҳо муттаҳид кардааст:

**1) табиӣ ва техникӣ,**
**2) иқтисод ва география,**
**3) филология, педагогика ва санъат,**
**4) ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ,**
**5) тиб, биология ва варзиш.**

Довталаб ҳуқуқ дорад дар доираи як гурӯҳи ихтисосҳо то 12 ихтисосро ва вобаста аз муассисаи таълимӣ шакли таҳсил (рӯзона, ғоибона, шабона) ва намуди таҳсил (ройгон ё пулакӣ) интихоб намояд. Ҳангоми интихоб довталаб 12 ихтисосро бояд чунон батартиб ҷобаҷо гузорад, ки барои ӯ бештар мувофиқ ва писанд аст. Яъне, довталаб бояд он ихтисосеро дар рӯйхати интихобҳо ба ҷойи аввал монад, ки онро маъқул ва зарууртар меҳисобад. Сипас интихобҳои боқимондаро (вобаста ба хоҳиш) дар ҷойҳои дуюм, сеюм, ... дувоздаҳум ҷобаҷо гузорад. Масалан, интихоби довталаб дар доираи гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум метавонад чунин бошад:

Ҷадвали 1.

**Намунаи интихоби шартии довталаб дар гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум**

| Р/т | Рамзи ихтисос | Номи ихтисос | Муассисаи таълимӣ | Шакли таҳсил | Намуди таҳсил | Забони таҳсил |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 1700201 | Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ; русӣ |
| 2. | 140010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ |
| 3. | 1330103 | Радиоэкология | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ |
| 4. | 1360101 | Технологияи мошинсозӣ | Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ; русӣ |
| 5. | 1360901 | Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ |
| 6. | 1740601 | Механиконии кишоварзӣ | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ |
| 7. | 1690101 | Меъморӣ | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | рӯзона | пулакӣ | тоҷикӣ |
| 8. | 1560202 | Геодезия ва харитасозӣ | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | рӯзона | пулакӣ | тоҷикӣ |
| 9. | 1430101 | Нерӯгоҳҳои барқӣ | Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон | рӯзона | пулакӣ | тоҷикӣ |
| 10. | 140010108 | Муҳандисии барномавӣ | Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат | рӯзона | пулакӣ | тоҷикӣ |
| 11. | 2400101 | Таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ | Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ |
| 12. | 202050302 | Математика ва информатика | Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | рӯзона | пулакӣ | тоҷикӣ |

Довталаб то 12 ихтисосро бо назардошти муассисаи таълимӣ, шакл ва намуди таҳсил чунин интихоб карда метавонад:

вобаста ба муассисаи таълимӣ:

- танҳо аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- танҳо аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- ҳам аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ҳам аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

вобаста ба шакли таҳсил:

- танҳо аз рӯйи шакли таҳсили рӯзона;
- танҳо аз рӯйи шакли таҳсили ғоибона;
- танҳо аз рӯйи шакли таҳсили шабона;
- аз рӯйи шаклҳои гуногуни таҳсил;

вобаста ба намуди таҳсил:

- танҳо аз рӯйи намуди таҳсили ройгон;
- танҳо аз рӯйи намуди таҳсили пулакӣ;
- аз рӯйи ҳам намуди таҳсили ройгон ва ҳам намуди таҳсили пулакӣ.

Довталаб наметавонад **забони таҳсил**ро дар вақти бақайдгирӣ мушаххас нишон диҳад, зеро тақсимоти донишҷӯёнро ба гурӯҳҳои академӣ аз рӯйи забони таҳсил баъди гузаштан аз озмуни тақсимот муассисаҳои таълимӣ мувофиқи нақшаи қабул, балҳои бадастовардаи донишҷӯён ва хоҳиши онҳо анҷом медиҳанд, яъне дар навбати аввал хоҳиши донишҷӯёне ба назар гирифта мешавад, ки нисбат ба дигарон балҳои зиёдтар доранд.

Дар ёд доштан зарур аст, ки тақсимоти довталабони комёб аз рӯйи тартиб (аз интихоби 1-ум то 12-ум бо навбат) мувофиқи бартарии интихоби ихтисосҳо сурат мегирад.

Қайд кардан зарур аст, ки баъзе ихтисосҳо омодагии эҷодӣ ва маҳорати махсусро талаб мекунанд. Бинобар он, довталабоне, ки чунин ихтисосҳоро интихоб мекунанд (масалан, ихтисоси 7-ум дар ҷадвали 1), бояд имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат супоранд. Зермавзӯи "Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат" раванд ва талаботи имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро ба таври муфассал баён месозад (ба саҳифаи 33 нигаред).

Ҳар як довталабро зарур аст, ки дар вақти бақайдгирӣ ба бартарии интихобҳои худ эътибори ҷиддӣ дода, мавқеи ихтисосҳоро мувофиқи хоҳиши худ ба тартиби аз 1-ум то 12-ум дар рӯйхати ихтисосҳои интихобкардааш дуруст ҷобаҷо гузорад.

> **!** **Довталаб интихоб ва бартарии интихобҳояшро танҳо дар давраи азнавбақайдгирӣ тағйир дода метавонад. Пас аз ин тағйирот даровардан имконнопазир аст!**

Барои мувофиқ ва дақиқ интихоб намудани ихтисос ва ба самти дуруст равона кардани хонандагон пурсишномаҳои психологию педагогӣ ва ҷадвалҳои гуногуни "Интихоби касб" омода карда шудаанд. Чунин маводро тавассути интернет ва дигар воситаҳои ахбори омма дастрас кардан мумкин аст.

> **!** **Дар соли имтиҳонии 2015 тақсимоти такрорӣ ба нақша гирифта нашудааст. Хоҳишмандем, ки ҳангоми интихоби гурӯҳи ихтисосҳо ва ихтисосҳо донишу маҳорати худ, ҷойҳои ҷудошудаи нақшаи қабул ва талаботи имрӯзаи бозори меҳнатро ба эътибор гиред. Таҷрибаи соли гузашта нишон дод, ки бинобар кам будани шумораи довталабон дар гурӯҳи ихтисосҳо (кластер)-и 1-ум ва 3-юм бали гузариш дар ин ихтисосҳо нисбат ба ихтисосҳои кластерҳои 2-юм, 4-ум ва 5-ум пасттар буд. Бинобар ин, қариб ҳамаи довталабони гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум ва 3-юм, ки холҳои гузариши фанниро ба даст оварда буданд, дар озмуни тақсимот комёб шуда, донишҷӯ гардиданд. Баръакс, дар гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм, 4-ум ва 5-ум довталабони зиёди холҳои гузариши фанниро бадастоварда аз озмуни тақсимот ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ берун монда, донишҷӯ нашуданд.**